*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №15 (2842) | ДУШАНБЕ, 6 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Президенти Тоҷикистон ва Сарвазири Япония ҳамдигарро табрик карданд





**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Сарвазири Япония Йошихико Нода баркияи табрикотӣ ирсол кард, ки дар он, аз ҷумла омадааст:**

«Ҷаноби Олӣ, ба муносибати санаи муҳими ҳамкориҳои замони муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Япония - 20 - умин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ бо камоли қаноатмандӣ ба Шумо табрикоту таманниёти самимии худро ирсол медорам.

Бист сол қабл, дуюми феврали соли 1992, баъди ба даст овардани соҳибистиқлолии Тоҷикистон, бо ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ мамлакатҳои мо ба рушду густариши ҳамкориҳои сатҳи байналхалқӣ оғоз намуданд.

Боиси қаноатмандист, ки муносибатҳои Тоҷикистону Япония дар сатҳи рушди фаъол қарор дошта, дар ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба марҳилаи сифатан нав мебароянд.

Дар ин робита мехоҳам фаъолияти судманди Агентии Япония оид ба ҳамкории байналхалқӣ ва талошҳои кишварҳоямонро дар чаҳорчӯби муколамаи «Осиёи Марказӣ + Япония» махсус қайд намоям. Мо ба саҳми Япония барои татбиқи лоиҳаҳои ҳаётан муҳими кишварамон дар бахши гуманитарӣ, иҷтимоӣ, нақлиётию коммуникатсионӣ ва дигар соҳаҳо баҳои баланд медиҳем.

Ҳавасмандии амиқамонро дар мавриди бо мазмуну мӯҳтавои нав ғанӣ гардонидани муносибатҳоямон иброз дошта, умедворам, ки Япония дар густариши онҳо нақши фаъол хоҳад бозид.

Итминони комил дорам, ки бо талошҳои якҷояамон мо метавонем сатҳу сифати ҳамкориҳоямонро ба манфиатҳои ҳар ду ҷониб мутобиқ созем.

Бо истифода аз фурсати муносиб ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, саломатӣ, комёбӣ ва ба халқи ба мо дӯсти Япония муваффақият ва шукуфоӣ таманно менамоям».

**Сарвазири Япония Йошихико Нода ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баркияи шодбошӣ ирсол кард, ки дар он, аз ҷумла гуфта мешавад:**

«Ҷаноби Олӣ, табрикоти самимии маро ба муносибати 20-умин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни Япония ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул фармоед.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон байни кишварҳои мо муносибатҳои неку бобарор оғоз гардид.

Дар робита ба рух додани ҳодисаи мудҳиш - зилзила дар қисми шарқии Япония дар моҳи марти соли гузашта мо аз Шумо, Ҷаноби Олӣ ва мардуми дӯсти тоҷик ҳамдардии амиқ ва суханони самимии тасаллибахш қабул кардем.

Бо истифода аз ин фурсат барои ҳамдардии амиқатон изҳори сипос менамоям.

Кишвари мо Тоҷикистонро аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Мо ният дорем, ки минбаъд низ мамлакати Шуморо дар ҳама бахшҳо, аз ҷумла ободонии мамлакат, татбиқи ислоҳоти гуногуни иқтисодӣ ва рушди кишвар дастгирӣ намоем.

Итминони комил дорам, ки таҷлили 20 - умин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ такони бузурге дар роҳи таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳоямон бо Тоҷикистон ва мардуми тоҷик мегардад.

Бо ҳавасмандии зиёд мехоҳам, ки бо Шумо, Ҷаноби Олӣ, дар ҳамаи ҷанбаҳо, аз ҷумла дар чаҳорчӯби муколамаи «Осиёи Марказӣ + Япония» ҳамкории фаъол намоям.

Иҷозат фармоед, ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, дар фаъолияти роҳбариатон саломатию комёбӣ ва ба халқи тоҷик бахту шукуфоиро орзу намоям».

***АМИТ «Ховар»***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**6 феврали соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард. Сипас, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология С.Ёқубзод масъалаи нахустини рӯзнома – «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ», раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов масъалаи зерини рӯзнома - «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ», раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Х.Юсуфӣ масъалаи навбатии рӯзнома – «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А.Азимов масъалаи дигари рӯзнома – «Дар бораи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон»-ро барои баррасӣ пешниҳод намуда, тавзеҳ доданд.

Доир ба масъалаҳои муҳокимашуда Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти фикру мулоҳиза ва эродҳои баёнгардида таври алоҳида қарорҳо қабул карда, масъалаҳои мазкурро ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

Раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор А.Имомов масъалаи зерини рӯзнома – «Дар бораи лоиҳаи Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У.Охунов масъалаҳои навбатии рӯзнома – «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва «Дар бораи Шартномаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи кофтукови байнидавлатии шахсон»-ро тавзеҳ доданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур қарорҳои алоҳида қабул карда, ин масъалаҳо барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои охирини рӯзнома - «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» таври алоҳида қарорҳо қабул кард.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

## Мушкилоти Тоҷикистон танҳо бо бунёди НБО-и «Роғун» ҳал мешавад

**Ҷанде пеш дар шаҳри Брюссел, дар бинои Парлумони Аврупо ҷаласаи кушода ҳайати Парлумони Аврупо доир ба робита бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бо иштироки сафирони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Иттиҳоди Аврупо баргузор гардид.**

Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Иттиҳоди Аврупо сафир Рустамҷон Солиев дар маърӯзаи хеш мушкилиҳоеро, ки солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо рӯ ба рӯст, аз ҷумла норасоии барқ, масъалаҳои муҳити зист ва камбудиҳои нақлиётиро матраҳ намуд.

Доир ба мушкилии энергетикӣ Намояндаи доимӣ таъкид кард, ки ба иқтидори бузурги энергетикии Тоҷикистон нигоҳ накарда (иқтидори он 527 млрд. кВт/с арзёбӣ мегардад), Тоҷикистон дар фасли зимистон аз норасоии барқ танқисӣ мекашад. Сафир Р.Солиев ба таваҷҷуҳи иштирокчиён расонид, ки нерӯгоҳҳои барқи обии хурд ва миёна талаботи энергетикии Тоҷикистонро пурра қонеъ намегардонанд ва ба рушди соҳаи саноат мусоидат нахоҳанд кард. Ӯ таъкид сохт, ки мушкилӣ танҳо тавассути сохтмони НБО-и «Роғун», ки иқтидораш 3600 мВт аст, ҳал хоҳад шуд.

Яке аз нуктаҳои дигари баромади сафири Тоҷикистон дар Иттиҳоди Аврупо ба масъалаҳои экологии минтақа, аз ҷумла идораи захираҳои об, хушкшавии баҳри Арал ва фаъолияти КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар пешгирии олудагии муҳити зист вобаста буд.

Вобаста ба фаъолияти КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар пешгирии олудагии муҳити зист сафир иттилоъ дод, ки дар ҳамкорӣ бо ширкати Hydro Aluminum КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» бо филтрҳои нави дунизома ҷиҳозонида шудааст, ки пурра ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯст.

Сафир ҳамчунин иброз дошт, ки талошҳои сарикактӣ ва муштарак ба кишварҳои минтақа имконият медиҳанд, ки ба чолишҳои муосир муқовимат нишон дода, роҳҳои дурусти ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта ва бамиёномадаро пайдо намоянд. «Мавқеи умумиминтақавӣ нисбат ба истифодаи захираҳои обу энергетика дар Осиёи Марказӣ ба идораи самараноки захираҳои об баҳри таъмини об, энергетика, озуқаворӣ,



амният, рушди иқтисодиёт, беҳтар намудани некӯаҳволии мардум ва ноил шудан ба рушди пойдори тамоми минтақа мусоидат менамояд», - хулоса кард сафир.

***АМИТ «Ховар»***

## Омодагиҳо ба ҷашни Ваҳдат

Имсол тибқи нақшаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тантанаҳои ҷашни Ваҳдат дар варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан доир мешаванд. Ба ин муносибат омодагиҳо дар ин иншоот оғоз шуданд. Аз рӯйи нақша Варзишгоҳи марказии шаҳр билкул таъмиру таҷдид гардида, ҳарҷномаи лоиҳавии он беш аз 19 млн. сомонӣ муқаррар гардидааст. Ин маблағ аз ҳисоби Дирексияи оид ба сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буҷети вилояти Суғду шаҳри Истаравшан пардохт мешавад.

Бино ба гуфтаи муовини раиси шаҳри Истаравшан оид ба сохтмон ва шаҳрсозӣ Ӯктам Ҷӯраев, айни замон дар ин иншоот се бригадаи «ДСМ- 118» ва ҶДММ «Созанда» фаъолият доранд. Ду экскаватор ва як автокран машғули кори заминканӣ ва бетонхобонии таҳкурсиҳои нишастгоҳҳо мебошанд. Тибқи нақша атрофи варзишгоҳ бо девор иҳота шуда, шумораи нишастгоҳҳо, ки алҳол ҳамагӣ 8 ҳазор ададро ташкил менамоянд, ба 20 ҳазор адад расонида мешаванд. Ғайр аз ин, дар ин иншоот сохтмони толорҳои гуногуни варзишӣ, дар зерхонаҳо сохтани ҷойи машқ, баргузории мусобиқаҳои варзишӣ, нуқтаҳои фароғатию истироҳатӣ, либоскашӣ, оббозӣ низ пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин дар ин ҷо сохтмони меҳмонхона, қасри ҷавонон бо панҷ дафтари корӣ, маҷлисгоҳ ва ғайра низ ба назар гирифта шудааст.

-Бояд гуфт, ки таъмиру таҷдиди куллии ин иншоот бо иқдоми Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 4 августи соли 2011 дар доираи сафари кориашон ба шаҳри Истаравшан ба амал омада буд, дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мардуми он воқеаи хотирмон хоҳад шуд.

- Чун ҳоло ҳаво сард аст, дар ин ҷо корҳои тахту ҳамворкунӣ ва сохтмони нишастгоҳҳо рафта истодааст. Бо фаро расидани гармӣ ҳам миқдори коргарон зиёд мешаваду ҳам миқдори техника ва ҳам суръати кор афзоиш хоҳад ёфт,- гуфт Ӯктам Ҷӯраев.

Дар назар аст, ки ҳамаи корҳои таъмирию таҷдидии ин иншоот то оғози моҳи июн анҷом меёбад.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

●Конститутсия

**Маҳкам МАҲМУДОВ,**
**раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

## Ниҳоди нав дар мақоми мустақили ҳокимияти судӣ



Назорати конститутсионӣ яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба шумор рафта, дар ҳифзи Қонуни асосии кишвар, яъне Конститутсия, ки муаррификунандаи ҳар як давлат дар арсаи байналмилалӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, қарор дорад.

Дар таҷриба бо фаъолияти мақомоти назорати конститутсионӣ ҳалли масъалаҳои муҳими таносуби сарчашмаҳои гуногуни қонунгузории дохилӣ, муносибатҳои мутақобилаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мустаҳкамкунии низоми таҷзияи ҳокимият, такмил додан ва ба Конститутсия мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва дигар санадҳоро вобаста менамоянд. Назорати конститутсионӣ хоси ҳама гуна шаклҳои сохтори давлатӣ, аз қабили давлатҳои федеративӣ (иттифоқӣ) - (Австрия, Олмон, Россия) ва давлатҳои унитарӣ (Қазоқистон, Тоҷикистон) мебошад.

Кишварҳои аъзои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо қабули Конститутсияи давлати мустақили худ ва бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқии он барои таъсиси мақомоти махсус, ки назорати конститутсиониро ба амал мебароранд, яъне судҳои конститутсионӣ ва ё дар баъзе давлатҳо шӯрои конститутсионӣ ном бурда мешаванд, кӯшиш ба харҷ доданд. Ин омил боиси он гардид, ки айни ҳол дар бисёр давлатҳои демократӣ назорати конститутсионӣ унсури муҳими сохти давлатдорӣ ба шумор меравад. Фаъолияти он барои санҷиши мутобиқати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия аз тарафи мақомоти мустақили ҳокимияти судӣ ва ё мақомоти махсуси назоратӣ дар асоси мурoҷиати субъектони муайян равона гардидааст.

Институти назорати конститутсионӣ дар шакли муосир, саравввал дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ки ҳанӯз соли 1803 Суди Олии федеролӣ дар хусуси доштани ҳуқуқ оид ба номутобиқ эътироф намудани ҳар гуна қонунҳо ба Конститутсияи ШМА, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузории кишвар қабул карда мешаванд, эълон намуд, ба миён омадааст. Ҳамон давра ва ҳоло низ чунин эътирофи қонун, яъне ба Конститутсия номутобиқ будан, маънои дар амал татбиқ нагаштани онро дорад. Чунин назорати конститутсионӣ баъдан навъи амрикоӣ ном гирифт. Аввалин мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ ба ном Суди конститутсионӣ бошад, дар Австрия дар асоси Конститутсияи соли 1920 ташкил карда шуд, ки барои зуҳур намудани навъи аврупоии назорати конститутсионӣ асос гардид.

Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи нав ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни муҳим ва зарурии сохтори ҳокимияти давлатӣ эътироф гардида, аз ҷиҳати тарзи ташкилию сифатӣ ва миқдории ниҳодҳои баамалбарории адолати судӣ инкишоф ёфт.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайдоиш ва ташаккули як қатор падида ва ниҳодҳои нави давлатдорӣ ва ҷомеаи демократӣ, аз қабили таъсиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳамчун мақоми махсуси назорати конститутсионӣ имконияти воқеӣ фароҳам овард. Дар асоси муқарраротиКонститутсияи Тоҷикистон барои таъмини фаъолияти Суди конститутсионӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 15 майи соли 1995 таҳти №238 заминаи ҳуқуқӣ гузошт. Суди конститутсионӣ бевосита ба фаъолияти худ дар интиҳои соли 1995 шурӯъ намуд ва 3 ноябри соли 1995 дар Иҷлосияи дуюми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд, ки вазифа, салоҳият, тартиби ташкил ва фаъолияти онро муқаррар менамояд.

**(Идома дар саҳ. 3)**

● Боварӣ ва масъулият

# Муколама бо мардум омили муҳими кафолати эътимоди онҳо ба ҳокимияти қонунгузор аст

Мусаллам аст, ки Маҷлиси Олӣ – Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар буда, аз ду маҷлис – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат мебошад. Тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вазифаҳои ҳар ду маҷлис мушаххас шудаанд.

Маҷлиси миллӣ қонунҳоеро, ки Маҷлиси намояндагон қабул намуда, барои баррасӣ ирсол медорад, ҷонибдорӣ менамояд. Дар сурати дастгирӣ наёфтан онҳоро ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад.

Ҳоло, мехостем оид ба яке аз самтҳои фаъолияти Маҷлиси миллӣ - қабули шаҳрвандон ва баррасии муроҷиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ ибрози назар намоем. Имсол низ чун солҳои пешин баҳри амалисозии вазифаҳои худ ва Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати тақвият бахшидани кор ба масъалаҳое, ки дар арзу шикоятҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ баён шудаанд, Маҷлиси миллӣ диққати аввалиндараҷа дод. Дар робита ба ин, ҳангоми мутмаин нашудани кормандони Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ аз ҷавобҳои мақомоти давлатӣ нисбат ба ин ё он муроҷиат, тибқи дастури Раиси Маҷлиси миллӣ мӯҳтарам М.Убайдуллоев барои омӯзишу дақиқ сохтани ваҷҳҳои дар арзу шикоят ва хулосаҳои ба онҳо додашуда, бо ҷалби аъзои кумитаҳои Маҷлиси миллӣ ва мутахассисони варзида гурӯҳҳои корӣ дар назди кумитаҳои Маҷлиси миллӣ таъсис дода шуд. Гурӯҳҳои кории мазкур дар тӯли соли сипаришуда як зумра аризаҳои баҳсталабро баррасӣ ва қарорҳои дахлдори қонунӣ қабул намуда, дар ин бора ба муроҷиаткунандагон хабари расмӣ бо додани тавсияҳои ҳуқуқӣ ирсол намуданд.

Ҳамзамон тазаккур бояд дод, ки Маҷлиси миллӣ, бо дарназардошти принсипҳои демократӣ, баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқ ва муколама бо мардумро омили муҳими кафолати эътимоди онҳо ба ҳокимияти давлатӣ ҳисобида, фаъолияти худро бо роҳи бевосита баргузор намудани вохӯрию сӯҳбатҳо бо мардум қавитар намуда, вокуниши зарурӣ ва саривақтиро ба муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ монд. Дар ин замина, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам М.Убайдуллоев, муовини аввали Раиси Маҷлиси миллӣ Қ.Расулзода, муовини Раиси Маҷлиси миллӣ Қ.Қосим, раисон ва муовинони раисони кумитаҳо ва дигар аъзои Маҷлиси миллӣ садҳо шаҳрвандонро ба қабули худ пазируфта, арзу дархости онҳоро дар чаҳорчӯбаи қонунгузории кишвар ва шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, баррасӣ карда, нисбати ҳар яки онҳо қарорҳои дахлдор ва асоснок қабул намуданд.

Пӯшида нест, ки имрӯзҳо барои мардум манбаи зуд ба даст овардани иттилоъ дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар сохторҳои марбутаи мамлакат воситаҳои ахбори омма, аз қабили телевизион, радио, рӯзнома ва маҷаллаҳо, инчунин шабакаи интернет мебошад. Аз ин хотир раисони кумитаҳои Маҷлиси миллӣ М.Илолов, У.Қурбонов, Н.Саидов, аъзои Маҷлиси миллӣ З.Раҷабова, Қ.Ғуломшоева, Ш.Гулаёзов ин минбарро истифода бурда, тариқи соатҳои парламентӣ дар Шабакаи якуми Телевизиони Тоҷикистон, Д.Гулмаҳмадов дар телевизиони маҳаллии «Регар», Х.Абдуназаров дар телевизиони маҳаллии ҶММ «Симо - ТВ»-и шаҳри Панҷакент, Ш.Гулаёзов ва Ш.Назриев дар телевизиони «Бадахшон» дар мавзӯъҳои моҳият ва мӯҳтавои қонунҳои қабулшуда, пойдории Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ, эҳтиром ба муқаддасот ва арзишҳои миллӣ баромад намуданд.

Ҳамзамон дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявию маҳаллии «Садои мардум», «Ҷумҳурият», «Минбари халқ», «Ҳақиқати Суғд», «Согдийская правда», «Суғд ҳақиқати», «Бадахшон», «Сухани халқ», «Кулябская правда», «Насими Исфара», «Диёри Турсунзода», «Ҳидоят», «Ҷавонони Турсунзода» ва ғайра доир ба мавзӯъҳои гуногун зери рубрикаҳои «Аз Паём то Паём», «Татбиқи Паём – заминагузори таҳаввулот ва пешравӣ», «Паём – имтиҳони сол бобати масъулиятшиносӣ», «Дар пайроҳаи рушди устувор далер ва боҷуръат қадам задан мебояд», «Таконбахши раванди рушд», «Ваҳдати миллӣ-омили рушди Тоҷикистон», «Тарҳи нав дарандозем», «Проблема ва мулоҳиза», «Дар ростои анҷоми корҳои бузург», «ДДТТ беҳтаринҳоро интизор аст», «Роғун-чароғи дилҳо», «Дастовардҳои мардуми Кӯлоб ба ҷашни Истиқлол», «Паёми нур ва мавҷи сурур», «Ҳуқуқу манфиатҳои қонунии мардумиро ҳимоя мекунем», «Амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» чӣ гуна сурат мегирад?», «Нафақа чӣ тавр таъин карда мешавад?», «Танзим баракати хонадон аст», «Музокироте, ки сулҳу Ваҳдат овард», «Ваҳдату якдилӣ даҳшати селро шикаст», «Истиқлолият берган қувонч», «Риояи Қонуни забон масъулият мехоҳад», «Забони давлатӣ бояд фарогир бошад», «Конститутсия (Сарқонун) -дорои қувваи олии ҳуқуқӣ», «Рамзи соҳибихтиёрии Тоҷикистон», «Ғояи бузурги волоияти қонунро бо дасту дили тоза амалӣ месозем», «Меҳнату илҳоми мо бо номи туст, Истиқлолият!», «Истиқлолият ба матонат даъват менамояд», «Шукри Истиқлолият мегӯям», «Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ ҳуқуқи инсонро ҳимоя мекунад», «Баргу сози зиндагӣ аз Ваҳдат аст», «Истиқлолият ва маориф», «Панҷакент – ҷавлонгаҳи созандагӣ», «Қадамҳои устувори мактаби номдор», «Ипотека – гарави амволи ғайриманқул» У.Қурбонов - раиси Кумитаи Маҷлиси миллӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа, М.Илолов – раиси Кумитаи Маҷлиси миллӣ оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният, Д. Гулмаҳмадов – раиси Кумитаи Маҷлиси миллӣ оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология, Н.Саидов– раиси Кумитаи Маҷлиси миллӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ, Ғ.Авзалов – муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллӣ оид ба иқтисодиёту коммуникатсия ва узви Маҷлиси миллӣ А.Ҷалилов, Ҳ.Абдуллоев, А.Азизов, Г.Ғаниева, З.Раҷабова Ш.Гулаёзов, Х.Асоев, Қ.Ғуломшоева, Х.Абдуназаров, С.Валиев ва дигарон мақолаҳо нашр намуданд. Илова бар ин, имсол шумораи қонунҳои амалкунандаи кишвар дар сомонаи интернетии Маҷлиси миллӣ (majlisimilli.tj) зиёда аз 340 адад ҷойгир кунонида шуд, ки мардум аз онҳо бемамониат истифода намуда истодаанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар давоми соли 2011 вобаста ба масъалаҳои гуногун ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 419 адад муроҷиат ворид шудааст. Аз ин шумора 5 адад аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 56 адад аз вилояти Суғд, 111 адад аз вилояти Хатлон, 154 адад аз шаҳри Душанбе ва 93 адади дигар аз ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошанд. Тибқи ҷадвали тасдиқнамудаи роҳбарияти Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ аз шумораи умумии муроҷиаткунандагони зикргардида 161 нафар аз ҷониби кормандони масъул бевосита дар утоқи қабули шаҳрвандони Маҷлиси Олӣ расман пазируфта, арзу шикоятҳои онҳоро қабул, дар китоби бақайдгирӣ сабт намуда, баррасии онҳоро зери назорати роҳбарият қарор дода, дар доираи қонунҳои амалкунандаи мамлакат санҷида, доир ба ҳар кадоми онҳо қарори қонунӣ қабул ва ба муроҷиаткунандагон хабар расонида шуд. Аз 258 муроҷиати хаттии ба Маҷлиси миллӣ воридшуда баррасии 151 ададашро шахсан Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам М.Убайдуллоев зери назорати қатъӣ қарор дода, боқимондаи он аз ҷониби кумитаҳо ва шӯъбаҳои дахлдори Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ баррасӣ гардиданд. Ҳамин тариқ, анқариб ба ҳамаи муаллифони муроҷиатҳо танҳо баъд аз додани хулосаи қонунӣ ҷавобҳои расмӣ ирсол карда шуд.

Мушаххасан агар зикр намоем, мазмуни аксарияти муроҷиатҳо вобаста ба норизоӣ ба санадҳои қабулнамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судӣ, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, амали (беамалии) онҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионӣ, қабули санадҳои ба талаботи қонунгузорӣ ҷавобгӯ набуда, ғайриқонунӣ ба ҳузури худ қабул накардани онҳо ба ҳайси муроҷиаткунанда ва дар доираи қонунҳо баррасӣ накардани масъалаҳои ба салоҳияти онҳо буда ва ғайраҳо мебошанд. Чунин муносибат боиси норизоии шаҳрвандони минтақаҳои гуногуни мамлакат гашта, онҳо маҷбур шудаанд, ки ба унвони Раиси Маҷлиси миллӣ муроҷиат намоянд. Ин дар ҳоле қарор дорад, ки масъалаҳои бамиёнгузоштаи муроҷиаткунандагонро шахсони мансабдор метавонистанд тибқи ваколатҳои худ бевосита дар макони баҳс ҳал намоянд.

Масалан, як гурӯҳ шаҳрвандон-кормандони собиқ ҶСП «ДЗХ Помир» Г.Атаханова, С.Лолаев ва дигарон дар бораи бе додани манзили истиқоматӣ ва кӯчониданашон аз хобгоҳи корхонаи зикргардида ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуданд. Тибқи супориши Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам М.Убайдуллоев бо мақсади ҳалли одилонаи муроҷиати номбурда дар назди Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният бо ҷалби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки масъалаи мазкур чор маротиба дар ҷаласаи гурӯҳи кории номбурда мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар натиҷа, то инҷониб аз 11 нафар муроҷиатнамуда 5 оила, аз ҷумла П.Парфионова, А.Маҳмадҷонова, В.Неизвестная, С.Лолаев ва А.Рафиков дар хобгоҳҳои ҶДММ «Таҷҳизот» ва ҶСК «Текстил» бо манзили зист таъмин шудаанд. Шӯъба оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонунияти Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои заруриро ҷиҳати иҷрои супоришҳои протоколии ҷаласаи гурӯҳи корӣ вобаста ба таъмини манзили зисти оилаҳои боқимонда дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дода истодааст.

Вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб аз ҳавзаи интихоботии № 4 Л.Мирзоев дар бораи бе гузаронидани мурофиаи судӣ баррасӣ намудани парвандаи иқтисодӣ ва қабули ҳалнома аз ҷониби судяи Суди иқтисодии вилояти Хатлон Б.Раҳимов унвонии Раиси Маҷлиси миллӣ муроҷиат намуд, ки бо супориши Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам М.Убайдуллоев ба баррасии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида, иҷрои он зери назорат қарор дода шуд.

Санҷиш нишон дод, ки хоҷагии деҳқонии «Ризоев Амир»- и ноҳияи Восеъ бо ҷавобгарии ҶСК «Пахтаи Кӯлоб» оиди рӯёнидани маблағи қарз ба андозаи 13 117 сомонӣ ба Суди иқтисодии вилояти Хатлон муроҷиат намудааст. Вобаста ба парвандаи мазкур маҷлиси пешакии судӣ 28 октябри соли 2010 дар бинои ҳамин суд таъин шуда, минбаъд баррасии он ба рӯзҳои 29 октябри соли 2010 (дар бинои ҶСК «Пахтаи Кӯлоб»), 24 феврал ва 7 марти соли 2011 (дар бинои Суди иқтисодии вилояти Хатлон) таъин гардида, ҳалномаи судӣ қабул ва оиди баргузории мурофиаҳои судӣ дар рӯзҳои зикршуда протоколҳои маҷлиси судӣ тартиб дода шудааст.

Зимни санҷиш Прокуратураи генералӣ муайян намудааст, ки дар асл мурофиаҳои судии зикршуда доир нагардида, беасос протоколҳои маҷлиси судӣ тартиб дода шудаанд.

Инчунин маъюби гурӯҳи 1 Юсупов Мирбайзо истиқоматкунандаи шаҳри Истаравшан, деҳоти Гули Сурх, деҳаи Тошбек, ки ҳамроҳи ҳамсари маъюбаш зиндагии мушкил дораду бинобар надоштани мадори ҳаракат азият мекашад,ба сохторҳои дахлдори маҳаллӣ оид ба таъмин намуданаш бо аробачаи маъюбӣ ва расонидани кӯмаки моддӣ муроҷиат намудааст, ки мутаассифона, пурсиши он дастгирӣ нагардидааст. Аз ин лиҳоз, моҳи сентябри соли ҷорӣ номбурда унвони Раиси Маҷлиси миллӣ муроҷиат намуд. Муроҷиати мазкур тибқи супориши Раиси Маҷлиси миллӣ мӯҳтарам М.Убайдуллоев барои баррасӣ ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Истаравшан ирсол ва иҷрои он зери назорати шӯъбаи дахлдори Дастгоҳ қарор дода шуд.

Дар робита ба иҷрои супориши назоратии мазкур аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан якҷоя бо Ҷамоати деҳоти Гули Сурх, Раёсати кишоварзӣ ва Раёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба маъюб М.Юсупов ва аҳли хонаводаи ӯ аробачаи маъюбӣ ва кӯмаки моддиву молиявӣ расонида шуд. Ба ҳамин мазмун муроҷиати сокини шаҳри Ваҳдат И. Ҳалимова ва сокини шаҳри Душанбе Р.Набиева ба Маҷлиси миллӣ ворид гардида, бо ҳамин тартиб ҳалли мусбии худро пайдо намуданд.

Дар баробари ин, ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиати Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, нафақахӯри аҳамияти ҷумҳуриявӣ Гавҳарбӣ Пиракова барои мусоидат намудан ҷиҳати таъмини ӯ бо манзили истиқоматии тариқи иҷоравӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани писараш Х.Алиев ворид шуд. Тибқи супориши Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев муроҷиати мазкур аз ҷониби кормандони Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ дар ҳамкорӣ бо масъулини сохторҳои марбутаи Дастгоҳи раиси шаҳри Душанбе ҳаматарафа баррасӣ ва хоҳиши муроҷиаткунанда қонеъ кунонида шуд.

Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва рӯзноманигор Ф.Сатторова дар хусуси ноодилона аз ҷониби марҳилаҳои гуногуни судӣ қабул намудани қарорҳо оид ба баҳси манзил, ки солҳои тӯлонӣ боиси ташвиш ва поймол шудани ҳуқуқҳои шаҳрвандии Ф.Сатторова гашта буд, ба Раиси Маҷлиси миллӣ муроҷиат намуданд. Бо дастури Раиси Маҷлиси миллӣ аризаи шаҳрванд Ф.Сатторова барои баррасӣ ба Суди Олӣ ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид. Бинобар ғайриқонунӣ будани санадҳои судии қаблан қабулшуда, бо қарори марҳилаи назоратии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2011 санадҳои судӣ бекор ва парванда барои аз нав баррасӣ намудан ба суди марҳилаи якум баргардонида шуд, ки дар натиҷа даъвои Ф.Сатторова ҳалли қонунии худро ёфт.

Муроҷиати шаҳрванд Холиқов Эркин Холиқович -истиқоматкунандаи вилояти Суғд дар бораи қонуншиканиҳои шахсони мансабдори Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва сохторҳои мақомоти мазкур дар вилояти Суғд дар бораи ғайриқонунӣ кам кардани ҳаҷми нафақааш 19 майи соли 2011 унвонии Раиси Маҷлиси миллӣ ворид шуд. Муроҷиати номбурда бо супориши Раиси Маҷлиси миллӣ мӯҳтарам М.Убадуллоев барои санҷиш ба Прокуратураи генералӣ ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар робита ба иҷрои супориши назоратии мазкур бо таъиноти Суди вилояти Суғд аз 8 августи соли 2011 даъвои Э.Холиқов қонеъ гардонида шуда, тибқи он андозаи нафақаи моҳонаи Э.Холиқов ҳамчун маъюби гурӯҳи III дар ҳаҷми 3689 сомонӣ муқаррар гардида, ба фоидаи ӯ 101898 сомонӣ аз ҷониби Раёсати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Спитамен пурра пардохта шуд.

Ҳамин тариқ, муроҷиати шаҳрвандон О.Холова оид ба баҳси замин, М.Кенҷаева дар хусуси аъзои оила эътироф ва маскун намудан дар манзили истиқоматӣ ва амсоли ин муроҷиатҳои ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида дар натиҷаи чораҳои андешидашуда ҳалли қонунии худро дарёфт намуданд.

Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки минбаъд низ бо дарки масъулияти хизматӣ баҳри амалигардонии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, аз ҷумла дар бахши муроҷиати шаҳрвандон, фаъолияти худро пурзӯр намуда, камбудиҳои ҷойдоштаро дар доираи салоҳияташ бартараф намояд.

***М. КАРИМОВА,***
***мудири шӯъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***К. ҲАҚНАЗАРЗОДА,***
***сармутахассиси шӯъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Мулоқоти Қозидавлат Қоимдодов бо Михаил Рус



**Чанде пеш дар шаҳри Минск мулоқоти Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус Қозидавлат Қоимдодов бо ҳамраиси қисми беларусии Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Беларус аз рӯйи масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, вазири кишоварзӣ ва озуқаи Ҷумҳурии Беларус Михаил Рус баргузор гардид.**

Ҷонибҳо изҳори ақида намуданд, ки ба манзури иҷрои супоришоти сарони ду давлат аз рӯйи доираи васеи ҳамкории дуҷониба бояд вақтҳои наздиктарин механизмҳои таъсирбахш ҷиҳати иҷрои вазифаҳои ба миёнгузоштаишуда муайян карда шаванд.

Аз ҷумла зикр шуд, ки бо вуҷуди панҷ баробар афзудани ҳаҷми муомилоти мол, имконияти бузурге вуҷуд дорад, ки бояд барои афзун намудани ҳаҷми он мавриди истифода қарор дода шавад.

***АМИТ «Ховар»***

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

# Омӯзиши забон-тақозои замон

Дар нишасти матбуотӣ Хуршедҷон Зиёев -ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода доир ба фаъолияти солонаи донишкада маълумот дода, аз ҷумла чунин зикр намуд:

-Алҳол дар таълимгоҳ шумораи донишҷӯён ба 2220 нафар (1838 нафар дар шӯъбаи рӯзона ва 382 нафар дар шӯъбаи ғоибона) расидааст. Имсол донишкада бо мақсади тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси забондон, омӯзгорон ва тарҷумонони оянда аз рӯйи 12 ихтисос ва баланд бардоштани сифати таълим Барномаи идоракунии сифати таҳсилотро таҳия ва тасдиқ кард. Аксарияти гурӯҳҳои академӣ бо низоми анъанавӣ (45 гурӯҳ) ва 38 гурӯҳ ба низоми кредитии таҳсилот (курси якум ва дуюм пурра) таҳсил мекунанд. Сессияи тобистона бо дараҷаи азхудкунии 96,6 фоиз ҷамъбаст шуд.

Мавсуф ҳамзамон гуфт, ки дар ин давра фаъолияти илмӣ- тадқиқотии омӯзгорон ва донишҷӯён аз рӯйи самтҳои масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, методикаи таълими забонҳо ва ғайра ба роҳ монда шуд. Дар донишкада соли гузашта 11 конфронси илмӣ-амалӣ, як конфронси байналмилалӣ, 44 семинар ва шаш мизи мудаввар баргузор гардид. Дувоздаҳ нафар дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 10 нафар омӯзгорон дар семинарҳои Бунёди Оғохон, 10 нафар дар Донишгоҳи лингвистии шаҳри Москва ва панҷ нафар дар семинари сайёри Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия аз такмили ихтисос гузаштанд.

***Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА,***
***«Садои мардум»***

# Аз 6,9 миллион сим-корт 3,5 миллионаш фаъол асту халос

Бино ба гуфти муовини аввали сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Рафиқҷон Шокиров, соли 2011 ҳаҷми умумии даромад аз хизматрасониҳои соҳа 1 миллиарду 991 миллион сомониро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба соли 2010-ум 12 фоиз зиёд мебошад. Нуқтаи ҷолиб он аст, ки аз рақами зикршуда 1 миллиарду 879 миллион сомониаш даромади ширкатҳои алоқаи мобилӣ ва интернет- провайдерҳо маҳсуб меёбад.

Теъдоди истифодабарандагони шабакаи умумиҷаҳонии интернет низ соли гузашта дар муқоиса ба соли 2010-ум 38 фоиз афзуда, ҳоло 1,8 миллион нафарро ташкил медиҳанд. Масъулин аз он изҳори нигаронӣ намуданд, ки дар ин давра 12,6 километр кабели телефонҳо дуздида шудаанд.

Рафиқҷон Шокиров андешаҳои корманди рӯзномаро бобати асос надоштани иддаъои ширкатҳои алоқаи мобилӣ бобати хеле зиёд будани шумораи муштариёнашон тасдиқ намуда, минҷумла зикр кард, ки айни замон аз 6,9 миллион сим-кортҳои фурӯхтаи ин қабил ширкатҳо ҳамагӣ 3,5 миллионаш фаъол асту халос.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

# Дар пайи солимӣ ва осудагии мардум

Аз таъсисёбии Раёсати мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъадори ВКД 17 сол сипарӣ гашт. Он дар замоне рӯйи кор омад, ки кишвари аз гирдоби ҷанг беруномада қадамҳои устувор дар раҳи бунёдкориву созандагӣ мениҳод. Дар чунин шароит гурӯҳҳои ҷиноятпеша барои амалӣ сохтани ҳадафҳои ҷиноятқоронаи худ, бо мақсади низову ҷудоиандозӣ ва тезу тунд сохтани авзои сиёсии ҷомеа талош доштанд.

- Гарчанде кормандони милитсия барои пешгирии ин падидаи номатлуб ва кирдори ҷиноятқорона мубориза мебурданд вале он нокифоя буд, - мегӯяд сардори раёсати мазкур, полковники милитсия Мансур Бухориев. - Бо мақсади боз ҳам пурзӯр намудани мубориза дар ин самт зарурати таъсиси ниҳоде ба миён омад, ки он мебоист бевосита бо нашъаҷаллобону нашъамандон ба таври ҷиддӣ сарукор мегирифт. Ҳамин зарурат буд, ки бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва роҳбарияти ВКД ин ниҳод рӯйи кор омад.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармони вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор таъсис дода шуд. Дар ин муддат бо мақсади тақвият бахшидан ба фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз ҷониби Президенти мамлакат як қатор фармонҳо, аз ҷумла «Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира намудани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 1994, «Дар бораи чораҳои таъхирнопазири пурзӯр намудани мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор» аз 12 апрели соли 1996 ва «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани мубориза бо терроризм» аз 21 апрели соли 1997 ба тасвиб расид, ки масъулияти кормандони ВКД ва алалхусус Раёсати мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи нашъадорро боз ҳам бештар намуд.

Бо заҳмату талошҳои кормандони ВКД ҳамасола аз ашхосу гурӯҳҳои нашъаҷаллоб ба миқдори зиёд маводи нашъадори навъи гуногун мусодира карда мешавад, ки ин ҳолат пеши роҳи содиршавии ҷиноятҳои вазнин ва ҳодисаҳои нохушро мегирад.



Соли 2011 аз ҷониби кормандони раёсати номбурда ба миқдори беш аз 1 тоннаву 847 кг маводи мухаддир мусодира карда шуд, ки зиёда аз 226 килограммашро навъи сахттаъсири героин ва 131 кг 562 граммашро афюн ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди пурзӯр намудани мубориза алайҳи нашъаҷаллобон ва бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо аҳолӣ ашхоси ҷиноятпеша аз мақсаду ҳадафҳои ҷиноятқоронаи худ даст намекашанд. Онҳо бо ҳар роҳу восита кӯшиши интиқол додану ба муомилот баровардани маводи нашъадорро мекунанд.

Соли гузашта дар натиҷаи гузаронидани амалиёти бобарор якчанд ҳодисаи қочоқи маводи нашъа дар ҳаҷми калон ошкор карда шуд.

Аз ҷумла моҳи марти соли гузашта шаҳрванд З. Давлатов дастгир гардид, ки дар таҳхонаи мағозаи «Сабина», воқеъ дар ноҳияи Сино, ба миқдори 82 кг 980 грамм маводи нашъадорро, ки 2 кг 988 граммашро героин ва боқимондаашро ҳашиш ташкил медод, пинҳон карда, мехост ба муомилот барорад, вале ба мақсад нарасид. Моҳи майи ҳамон сол, дар шаҳри Хуҷанд сокини деҳоти Оббурдони ноҳияи Мастчоҳ Ғ. Гадойбоев бо 54 кг 225 грамм маводи нашъадор ба даст афтод. Ҳангоми тафтиш маълум гардид, ки ӯ маводи мазкурро барои фурӯхтан аз шаҳрванд С. Азимов гирифтааст.

Ҳамин тариқ, моҳи ноябри соли 2011 дар ноҳияи Шӯрообод шаҳрванд Рамазон Назарови 25- сола, сокини ноҳияи Восеъ дастгир карда шуд, ки аз ӯ ба миқдори 90 кг 700 грамм маводи нашъадори бангдона мусодира гардид.

Саҳми кормандони раёсат ва шӯъбаву бахшҳои он дар минтақаҳо, ба мисли полковники милитсия С. Барзуев, майори милитсия Н. Ниёзов, полковники милитсия Т. Шеров, подполковники милитсия Б. Назаров ва дигарон дар пешгирии ҷиноятҳои марбут ба қочоқи маводи нашъа хеле назаррас аст.

Нашъаҷаллобиву нашъамандӣ аз сифату хислатҳои пасти инсонӣ ба ҳисоб рафта, дар баробари ба ҷони одамон хатар эҷод кардану ба авзои сиёсии ҷомеа халал ворид намуданаш ба обрӯ ва нуфузи миллату давлат латма мезанад.

Тибқи маълумоти Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ соли 2009 шумораи умумии маризони нашъаманд дар ҷумҳурӣ 8018 нафарро ташкил медод, ки аз он 376 нафарашон занҳо буданд.

Дар соли 2010 ин нишондиҳанда 7398 (шумори занҳо 305) нафар ва дар 11 моҳи соли 2011-ум 6877 (дар шаҳри Душанбе 2399) нафарро ташкил додааст.

Гарчанде дар ду - се соли охир шумораи нашъамандон коҳиш ёфтааст, вале ин ҳаргиз маънои хотирҷамъ гардидану аз мубориза даст кашиданро надорад. Зеро аз чунин роҳи хато баргардонидани як нафар ин мусибати як оиларо бартараф намудан ва онро аз хонавайронӣ нигоҳ доштан аст.

Аз ин рӯ, мубориза бо ин вабои аср на танҳо кору вазифаи намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин дигар идораву ташкилотҳо, аҳли ҷамоатчигӣ ва муассисаҳои тарбиявию таълимӣ мебошад.

***Ҷалолиддин САДРИДДИНОВ***

**АЗ ИДОРА: полковники милитсия Мансур Бухориев ҳоло дар вазифаи сардори шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Ваҳдат фаъолият дорад.**

● Таътил чӣ гуна гузашт?

**Таътили зимистонаи мактабиён анҷом ёфт. Он чӣ гуна гузашт? Дар ин маврид сӯҳбате доштем бо сарвари Истироҳатгоҳи солимгардонии наврасону ҷавонони ба номи «20-солагии Истиқлолият»-и деҳаи Деҳмойи ноҳияи Ҷаббор Расулов, номзади илми кимиё Муҳаммадҷон Исматдинов.**

# Пайвандгари дилҳо

-Аз 2 то 25 январи соли равон дар ду баст дувоздаҳрӯзӣ 360 нафар хонандагон аз мактабҳои ҷумҳурӣ дар истироҳатгоҳи мо фароғат доштанд. «Фароғат доштан» ин ба маънии маҳдуди сухан аст, зеро мактабиён дар ин ҷо ба ҷузъ истироҳат боз бо варзиш, шиноварӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ, аз қабили омӯзиши компютер, кор бо интернет, кашидадӯзӣ, дӯзандагӣ, рассомӣ ва ғайра машғул шуда, ҳамчунин ҷойҳои таърихии вилояти Суғд ва тадбирҳои зиёди фарҳангиро тамошо карданд, -гуфт сарвари истироҳатгоҳ.

Қобили зикр аст, ки дар истироҳатгоҳи мазкур тамоми намудҳои шароити фароғату истироҳат вуҷуд дошта, дар пояи собиқ ду лагери пионерӣ - «Уқобча» ва «Сомониён», ки солҳои зиёд аз истифода монда буданд, эъмор гардидааст. Ин мавзеи зебою хуштабиат, ки дорои биноҳои истироҳатии алоҳидаи ҳозирзамон мебошад, 6 августи соли 2011 дар доираи омодагиҳо ба тантанаҳои ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Сарвари давлат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифту ба номи «20-солагии Истиқлолият» номгузорӣ гардид, дар ихтиёри наврасону ҷавонон қарор дошта, барои истироҳати бофароғати онҳо тамоми имкону шароити заруриро муҳайё кардааст.

-Ҳарчанд таътили бофароғати мактабиён анҷом ёфт, истироҳатгоҳи мо ҳоло ҳам бекор нест. Дар он иддае аз сохторҳои ҳукуматӣ, ташкилотҳои ҷавонон ва варзишгарон семинару машғулият, конфронсу тренингҳои худро доир карда истодаанд. Барои истироҳати бофароғати мактабиён мо тамоми шароитро дорем. Омӯзгорону мураббиёни варзида дар хизмати онҳо қарор доранд. Бачаҳо ба ҷуз шиноварӣ омӯхтан, ба теннисӣ рӯйи миз, шоҳмот, шашка, футбол машғул шуда, тавассути маҳфилҳои рассомӣ, рӯзгордорӣ, кашидадӯзию дӯзандагӣ, кешбофӣ ҳунар меомӯзанд. Бист адад компютери замонавӣ ба интернет пайваст буда, дар ихтиёри истироҳаткунандагон қарор дорад. Онҳо ба ҷуз тамошои филмҳои бадеӣ боз имкони ташкилу тамошои чорабиниҳои зиёди фарҳангиро низ доранд. Талабагоне, ки таътили зимистонаи худро дар ин ҷо гузарониданд, бо шодию фараҳ ва як олам таассурот аз ин ҷо баргаштанд, -мегӯяд Муҳаммадҷон Исматдинов.

-Мо аз Сарвари давлатамон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва раиси вилояти Суғд мӯҳтарам Қоҳир Расулзода бисёр сипосгузорем, ки нисбат ба таълиму тарбия ва солиму бардам ба воя расидани наврасону ҷавонон ғамхории зиёд мекунанд. Истироҳатгоҳи моро метавон «Пайвандгари дилҳо» номид, зеро ҷавонону наврасони шаҳру навоҳии кишвар дар ин ҷо ба ҳам шинос шуда, дар оянда риштаи дӯстии онҳо мустаҳкам мешавад.

-Мақсади асосии мо тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва тарбияи кадрҳои лоиқу ба Ватан манфиатовар мебошад,-мегӯяд Муҳаммадҷон Исматдинов.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

# Ниҳоди нав дар мақоми мустақили ҳокимияти судӣ

(Идома аз саҳ. 1)

Баъдан Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 1997 №234 «Дар бораи тасдиқ намудани тасвир ва намунаи либоси махсус ва муқаррар намудани намунаи нишони сарисинагӣ барои судяҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 №30 «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои тахассусӣ ба судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 октябри соли 2008 таҳти №551 тасдиқ шудааст, қабул гардиданд, ки дар ташкили фаъолияти Суди конститутсионӣ ва таъмини шароити иҷтимоию маишии судяҳои он нақши муҳим бозиданд.

Бо назардошти моддаи 89 Конститутсия, дар моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақсади таъсиси ин мақоми назорати конститутсионӣ дарҷ ёфтааст, ки тибқи он Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми мустақили ҳокимияти судӣ бо мақсади ҳифз, таъмини волоият ва амали бевоситаи Конститутсия ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсис гардидааст.

Мувофиқи моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал менамоянд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд». Гуфтан ҷоиз аст, ки маҳз амали мустақими меъёрҳои Конститутсия ва таъмини волоияти ин меъёрҳо тақозо намуд, ки мақоми махсуси босалоҳият, мустақил ва беғараз баҳри таъмини ҳифзи арзишҳои муқаррар намудани Қонуни асосии кишвар фаъолият намояд.

Дар моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистон моҳият ва салоҳияти Суди конститутсионӣ пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он Суди конститутисонӣ аз 7 нафар: Раис, муовини Раис ва 5 судяи Суди конститутсионӣ иборат буда, яке аз судяҳои он намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Конститутсия вазъи ҳуқуқӣ ва сатҳи баланди масъулияти судяи Суди конститутсиониро ба эътибор гирифта, якчанд талаботро нисбат ба шахсоне, ки ба ин мансаб интихоб мешаванд, пешбинӣ кард. Номзаде, ки ба мансаби судягии Суди конститутсионӣ пешбарӣ мешавад, бояд таҳсилоти олии ҳуқуқӣ дошта, синну солаш аз 30 кам ва аз 65 боло набуда, беш аз 10 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад.

Қарорҳои Суди конститутсионӣ барои тамоми мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони мансабдори онҳо ҳатмӣ буда, ҷиҳати бартараф намудани номувофиқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия ва татбиқи дурусти онҳо мусоидат менамоянд. Баробари мӯҳлати мавриди амал қарор додани санадҳои суди конститутсиониро нишон додан ҳамзамон муқаррар шудааст, ки нисбат ба Қарори Суди конститутсионӣ шикоят овардан мумкин нест. Чунин таҷриба дар судҳои конститутсионии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон қобили дастгирӣ мебошад.

Суди конститутсионӣ ҷойи махсусро дар низоми судии кишвар ишғол намуда, қарорҳои он характери ҳатмӣ доранд ва ин аз мақоми волои он дар давлати демократӣ шаҳодат медиҳад. Салоҳияти Суди конститутсионӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст.

Вобаста ба мақоми Суди конститутсионӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон ба муносибати 15-умин солгарди таъсиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки «Дар татбиқи меъёрҳои Конститутсия, пеш аз ҳама дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ки ин арзишҳо меҳвари низоми давлати демократӣ мебошанд, ҳокимияти судӣ, аз ҷумла Суди конститутсионӣ нақши бағоят муҳим дорад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои даврони истиқлолият ва самараи Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб рафта, ҳамчун мақоми мустақили ҳокимияти судӣ оид ба ҳифзи Конститутсия фаъолият мекунад».

Умуман, рушди фаъолияти Суди конститутсионӣ ба дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёмҳои ӯ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид ёфтаанд, алоқамандии зич дорад. Дар асоси ин Паём барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд.

Вобаста ба салоҳият ва доираи амале, ки тибқи Конститутсия ва Қонуни конститутсионӣ ба ин мақомоти мустақили ҳокимияти судӣ дода шудааст, метавонад мувофиқати қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияи кишвар, судҳои Олӣ, Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, инчунин қарордодҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистонро ба Конститутсия муайян намояд. Ҳалли баҳсҳои байни мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин байни мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худудии худидоракунии маҳаллиро, ки ба салоҳияти онҳо восбаста мебошад, ҳал мекунад.

Суди конститусионӣ, ки ҳамчун мақоми назорати конститутсионӣ баҳри таъмини волоияти Конститутсия дар кишвар арзи ҳастӣ менамояд, дар як вақт масъалаи ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани лоиҳаи тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳоеро, ки ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод мешаванд, муайян менамояд. Масъалаҳоро оид ба вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон вобаста ба қонун ва дигар санади ҳуқуқии татбиқшуда ё татбиқшаванда дар муносибати мушаххаси ҳуқуқӣ баррасӣ мекунад, инчунин ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонун, дигар санади ҳуқуқӣ ва тавзеҳоти дастурии Пленумҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар парвандаи мушаххас, ки аз тарафи суд нисбаташон татбиқ шудааст, тибқи тартиби муқарраршуда муайян менамояд.

Бо васеъ гардидани салоҳияти Суди конститутсионӣ, дар асоси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», доираи субъектоне, ки ҳуқуқи ба ин мақом муроҷиат кардан доранд, васеъ гардида, шумораи арзу шикоят ва пешниҳоду дархостҳои мақомот ва шаҳрвандон рӯ ба афзоиш ниҳод.

Вобаста ба ташкил, тарзи фаъолият ва доираи баррасии масъалаҳо, Суди конститутсионӣ аз дигар мақомоти судии кишвар фарқ менамояд. Субъектони дорои ҳуқуқи муроҷиат ба ин мақомот вобаста ба масъалаҳои дар Қонуни конститутсионӣ пешбинӣ шуда муайян гардидаанд. Дар хусуси масъалаи ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тағйиру иловаҳои ба он воридшаванда, лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳое, ки ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод мешаванд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти қонунгузории кишвар, яъне Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи муроҷиат кардан ба Суди конститутсиониро доро мебошанд.

Вобаста ба масъалаи ба Конститутсия мутобиқ будани қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии якҷоя ва алоҳидаи мақомоти қонунгузории мамалакат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати кишвар, судҳои Олӣ ва Олии иқтисодӣ ва шартномаҳои байналмилалии ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон бошад, дар Қонуни конститутсионӣ доираи субъектоне номбар шудааст, ки метавонанд ба Суди конститутсионӣ дар ин хусус муроҷиат намоянд.

Ба Прокурори генералӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои назди Ҳукумати кишвар, мақомоти намояндагӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва инчунин бо мақсади шахсан бархӯрдор будан аз ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонуниашон ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ низ ҳуқуқ дода шудааст, ки вобаста ба масъалаҳои муайяни дар Қонуни конститутсионӣ пешбинигардида, ба Суди конститутсионӣ муроҷиат намояд.

Бинобар он ки дар Тоҷикистон бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат) шахсони мансабдори онҳо, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, институти махсус - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис шудааст, ки он низ метавонад субъекти муроҷиат ба Суди конститутсионӣ бошад. Чунин ҳуқуқ ба се судяи Суди конститутсионӣ оид ба масъалаҳои ба салоҳияти Суди конститутсионӣ мансубиятдошта ва дигар судҳою судяҳои кишвар низ дода шудааст.

Соли 2011 ба Суди конститутсионӣ муроҷиати зиёда аз 350 нафар шахсони воқеию ҳуқуқӣ тариқи шифоҳию хаттӣ ва тавассути почтаи электронӣ дар шакли аризаю шикоят ва пешниҳоду дархост ворид гардид. Муроҷиатҳо асосан масъалаҳои поймол намудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, баҳсҳои манзил, иқтисодӣ, оид ба замин, рӯёнидани алимент, молу мулкӣ, шикоят аз болои қарору ҳалномаҳои судҳо, масъалаҳои нафақа ва вайрон намудани ҳуқуқи меҳнатии шаҳрвандонро дар бар мегиранд. Ҳолатҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳалли ваҷҳҳои дар муроҷиат овардаи муаллифон ба салоҳияти Суди конститутсионӣ дохил намешаванд, бинобар ин онҳо тибқи тобеият барои баррасӣ ба мақомоти гуногуни давлатӣ фиристода мешаванд.

Вобаста ба пешниҳод ва дархости шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ки субъекти муроҷиат ба Суди конститутсионӣ мебошанд, бобати муайян намудани номутобиқатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқшуда ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 даҳ адад парванда баррасӣ шуд. Нисбат ба чортои онҳо, ки дар мурофиаи суди конститутсионӣ баррасӣ шуданд, қарор ва нисбати ҳафтои онҳо таъиноти дахлдор қабул гардид. Матни пурраи ин қарорҳо дар рӯзномаи «Садои мардум» чоп шудаанд.

Суди конститутсионӣ тавассути баррасӣ ва беэътибор донистани ҳама гуна қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба Конститутсия мухолиф бевосита иштирок намуда, дар танзими муносибатҳои воқеан иҷтимоии ҷомеа саҳм мегузорад. Соли 2011-ум 111 адад санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бобати муайян намудани номутобиқатӣ ба Конститутсия мавриди омӯзиш қарор дода, диққати онҳо баҳри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта равона шуд.

Бо мақсади рушди назорати конститутсионӣ баҳри таҳия ва омода намудани тавсияҳои илман асосноки масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки ба самаранокии фаъолияти ин мақомот таъсирбахш мебошад, аз моҳи июли соли 2009 инҷониб, мувофиқи моддаи 57 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Шӯрои илмӣ-машваратӣ аз ҳисоби судяҳои таҷрибадори дар истеъфобудаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва олимони намоёни соҳаи ҳуқуқ дар ҳайати 17 нафар амал менамояд. Соли 2009 сомонаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият пардохт ва нашрияҳои даврави Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп мерасанд.

Ҳамкории байналмилалии Суди конститутсионӣ низ вусъат меёбад. Он иштирокчии доимии конференсияҳои байналмилалии судҳои зинаҳои олӣ мебошад. Аз ҷумла судяҳои Суди конститутсионӣ дар семинару конференсияҳо ва шӯроҳои конститутсионӣ, ки дар сатҳи байналмилалӣ баргузор мешаванд, ширкати фаъолона доранд. Дар заминаи чунин ҳамкориҳо Суди конститутсионӣ бо Комиссияи Венетсиягии Шӯрои Аврупо ва Комиссияи Аврупо оид ба демократия тавассути ҳуқуқ алоқаи зич дорад.

Соли 2011 дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ, байни Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.А.Маҳмудов ва Раиси Суди конститутсионии Федератсияи Россия В.Д.Зорькин Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ба имзо расид.

Зимни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Украина 15-16 декабри соли 2011 дар доираи ҳамкориҳо байни Тоҷикистону Украина дар ҳузури сарони давлатҳо ҳафт санади нави ҳамкорӣ оид ба соҳаҳои гуногун ба имзо расид. Аз ҷумла байни Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.А.Маҳмудов ва Раиси Суди конститутсионии Украина А.С.Головин Тафоҳумнома оид ба ҳамкорӣ имзо шуд. Илова бар ин, аз ҷониби Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол ба судҳои конститутсионии Латвия, Литва, Туркия, Эстония, Молдова ва дигар давлатҳо ҷиҳати густариши ҳамкориҳои тарафайн лоиҳаи Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ барои мувофиқа ирсол шудааст, ки аз тарафи онҳо амали мазкур бо қаноатмандӣ дастгирӣ ёфта, омодагии худро барои ба имзо расонидани он изҳор доштанд.

Соли 2011 дар таърихи фаъолияти Суди конститутсионӣ аз он ҷиҳат хотирмон буд, ки он ба узвияти Ассотсиатсияи умумиҷаҳонии судҳои конститутсионӣ пазируфта шуд. Ҳамчунин дар асоси даъвати раиси Ассотсиатсияи судҳои конститутсионии давлатҳои Осиё ва институтҳои далхдор, раисони Суди конститутсионии Корея, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмон ҳамроҳ гардиданд.

Судяҳо ва кормандони Суди конститутсионии мамлакат барои иштирок дар конфронсҳои илмӣ ба Арманистон, Қазоқистон, Индонезия, Италия, Молдова, Олмон, Фаронса, Россия, Украина ва дигар кишварҳои ҷаҳон сафар карда, бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2010 таҳти №678 дар ҳамбастагӣ бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли сипаригардида аввалин Семинари байналмилалии Авруосиёӣ дар мавзӯи «Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» бо иштироки зиёда аз бисту панҷ нафар намояндагони мақомоти бонуфузи давлатҳои хориҷа баргузор гардид.

Ташаккули институти назорати конститутсионӣ ба инкишофи давлатдории миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол иртиботи ногусастанӣ дошта, фаъолияташ бо мақсаду вазифаҳои афзалиятноки ҷомеа тавъам аст.

# Суратгиракаш якумр дар бар

Пешаи суратгириро интихоб кардани бобои Мирзосафар аввало аз насибаю тақдираш бошад, як ҷиҳати дигар ин ки касби суратгирӣ дар аҳди шӯравӣ, алалхусус солҳое, ки қаҳрамони мо хурдсол буд, бениҳоят маъруфият дошт. Бисёриҳо орзу мекарданд, ки суратгир шаванд, вале на ҳама то охир ба ин касби дар назари сатҳӣ осон, вале дар асл басо заҳматталаб содиқ монда метавонист. Ҳам ташвишаш зиёд буду ҳам бинобар ба моддаҳои химиявии захрнок сарукор гирифтан, ба саломатӣ зараровар буд. Аз ҳамин сабаб аз 30 нафар аъзои маҳфили суратгирони ҷавони мактаби миёнаи шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт танҳо М.Ризвонов суратгир шуду халос.

-Шояд бовари насли имрӯзаи ҷавон наояд. Даҳсолаҳои аввали Ҳокимияти шӯравӣ, ки барқ набуд, латтапораҳоро ҷамъ карда оташ мегиронданду дар рӯшноии он сурат мегирифтанд. Дастгоҳҳои аккосии босифат, коғазу хокаҳои маҳлултайёркунӣ барои суратбарорӣ мавҷуд набуд. Танҳо аз солҳои ҳафтодуми асри гузашта сар карда, суратгирак ва маводи босифати суратгирӣ, аз қабили плёнка пайдо шуд, вале ниҳоят камчин буд.



Аксбардорӣ мушкили худро дошту баровარданаш мушкили дигар. Агар сурат хира мебаромад ё қубҳе медошт, қабул намегардид. Дар рӯзномаву маҷаллаҳои он давра суратчопкунӣ аз назорати сахт мегузашт. Суратро барои дар рӯзнома чоп кардан клише, яъне дар рӯйи пораи оҳан қолаб кардан лозим меомад, ки он дастгоҳҳо фақат дар марказ буданд. Хулоса, меҳнати зиёд ба харҷ дода мешуду суратгир хуни ҷигар мегардид. Ин ҳоло ҳаст, ки бо телефони дастӣ ва ҳатто бозичаҳои кӯдакона ҳам ҳар касе хоҳад, сурат мегирад, - ба хотир меорад Мирзосафар Ризвонов он давраҳоро.

Аксар ҳангом дар зиндагӣ касею чизе сабаб мешаваду ин ё он инсон дар зиндагӣ роҳашро меёбад. Чунин шахс дар ҳаёти Мирзосафар Ризвонов устоди мактабиаш - Ҷумъа Юсуфов мебошад, ки шогирд як умре аз вай миннатдор аст. Хизмати инсон барои инсон магар аз ин зиёд мешавад? Ин касби пурифтихор, нозукиҳои онро маҳз бо шарофати он кас интихобу аз худ намудааст ва зиёда аз чил сол мешавад аз пушти он аҳлу аёлашро таъмин, фарзандонашро соҳибмаълумоту оиладор ва орзуҳояшро дар зиндагӣ амалӣ намудааст. Дар он айём ҳам талаботи калоне дошт ин касб. Мутахассисони маҳаллӣ ангуштшумор буданд. Суратгирони варзида асосан аз ҳисоби мардуми русзабон буданд. Чун Роберт Поздняков, Леонид Илич Окунов, Геннадий Михайлович Топор, З.Дотадзе. Ин марбут аст ба Душанбе барин шаҳрҳои ободи он давра. Дар деҳотҷой, махсусан чун водии Рашт барин маҳалҳои дурдаст бошад, ба суратгирону суратгирӣ боҳавас менигаристанду пайдо шудани суратгире баробари мӯъҷиза буд. Ин ҳама таъсири манфии ҳазорсола фишори ақоиди рӯҳониёни иртиҷоипараст буд, вагарна соҳибистеъдодҳо аз миёни мардуми таҳҷоӣ низ кам набуданд. Инро солҳои баъдӣ собит намуд. Мисле ки сурати нахустини суратгирбачаи ҳаваскори деҳотӣ Мирзосафар, ки рӯзномаи «Қаротегини советӣ» ( ҳоло «Ойинаи Рашт») чоп карда, ҳамаро қоил намуд ва исбот сохт, ки муаллифи он аз ҳавою ҳавас ба ин кор даст назадааст. Акси аввалин бор пешниҳоднамудаи Мирзосафар «Ҷарроҳии саг» ном дошту ҳамаро ба ҳайрат овард. Ҳолате ки дар шароити сахти кӯҳистон, аз нарасидани ёрии таъҷилӣ одамон танқисӣ мекашиданд, сагро ҷарроҳӣ мекарданд. Сурати пурмазмуни мазкур кушоиши кори суратгири ҷавон гардиду дилбандаш сохт. Аз он санаи фаромӯшношуданӣ чил сол сипарӣ гардид. Он ҷавони серғайрату бофаросат ба пиронсолӣ расида бошад ҳам, ҳанӯз ҳам дилаш ҷавон асту завқи кор дорад.

Расман М. Ризвонов дар рӯзномаи «Ойинаи Рашт», АМИТ «Ховар» ва рӯзномаи «Садои мардум» ба ҳайси мухбир фаъолият намуда бошад ҳам, дар ҷумҳурӣ қариб рӯзномаю маҷаллае намондааст, ки ҳамкории фаъолона надоштаю ба қавле одами худӣ нашуда бошад. Дигар ин ки дар он солу замонаҳои талаботаш сахт на ҳар сурату мақола дар рӯзномаҳои умумииттифоқ, мисли «Правда», «Труд», «Известия», «Сельская жизнь», «Красная звезда», «Советское фото», «Крестьянка» ва ғайра ба чоп мерасид. Баъзеҳо инро орзу ҳам мекарданд. Барои М.Ризвонов бошад, аллакай ин «мушкилот» набуд, чунки баъди хатми мактаби миёна ихтиёран ба хизмати Ватан раҳсипор гардид. Ҷавони соҳиби чунин ихтисосро дар аскарӣ болои даст мебардоштанд. Бар замми ин, тоҷикписар ҳамкориашро бо рӯзномаҳои ҳарбӣ густариш доду худаш ҳам бисёр нозукиҳои касби суратгириро аз бар намуд. Ҳарчанд сонитар факултаи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда бошад ҳам, вале меҳри касб зӯрӣ карду якумр суратгир монд. Суратгиракаш дар бар то имрӯз кӯҳ ба кӯҳ, деҳ ба деҳ, шаҳр ба шаҳр, гоҳо савору гоҳ пиёда, гоҳо дар гармо, гоҳи дигар дар сармо мегардаду аз ҳаёти омӯзгорон, деҳқонон, зиёиён, умуман ҳама соҳаҳо аксбардорӣ ва тавассути нашрияҳо пешкаши мардум месозад. Дар ин муддат бо он қадар одамони гуногункасбу гуногунмиллат вохӯрдааст, ки ҳисобашро кайҳо гум кардааст. Вале муҳимаш, умри пурбаракати худро ба нафъи халқу меҳан сарф намуд. Заҳматҳояш, суратҳояш ба ин гувоҳанд. Ба роҳи тайкарда нигариста, пушаймониеро эҳсос наменамояд.

Аълочии матбуоти Тоҷикистон, собиқадори меҳнат, мухбири нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзномаи «Садои мардум» Мирзосафар Ризвонов ба нафақаи меҳнатӣ баромад. Ба ин бобои суратгирамон рӯзгори бароҳатеро дар ҳалқаи фарзандону наберагон ва ёру дӯстон орзумандем.

*М. НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»*

**● Коррупсия-амали номатлуб**

# Оқибати тамаъкорӣ

Аз тарафи кормандони Раёсати корҳои дохилии вилояти Хатлон вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе шаҳрванд «Б» дастгир карда шуд. Номбурда гӯё аз суханони ҳамсинфаш аз ҷиноят будани ин ҳолат воқиф будааст, вале барои хабар надодан 2 ноябр то бегоҳи 4 ноябри соли 2011 ба раёсати мазкур оварда, дар он ҷо ғайриқонунӣ нигоҳ дошта шудааст. Баъди се шабонарӯз шаҳрванд «Б» аз тарафи сардори бахши шӯъбаи тафтишотии Раёсати корҳои дохилии вилояти Хатлон подполковники милитсия Ӯ.Ғуломов ба сифати гумонбар дар содир намудани ин ҷиноят пурсида шуда, нисбаташ чораи пешгирӣ дар намуди гирифтани забонхат дар бораи тарк накардани маҳалли истиқомат татбиқ карда мешавад.

3 ноябри соли 2011 сардори шӯъбаи фурӯши чиптаҳои ҳавопаймоии ҶДММ «Анӯшервониён»-и шаҳри Душанбе Оятулло Авзалов, ки қаблан бо ҳукми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷинояти моддаи 245 қ.4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд шуда, бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз адои ҷазо озод гардидааст, оид ба дастгир шудани шаҳрванд «Б» хабардор мешавад. Дар алоқа бо яке аз кормандони фаврии Раёсати корҳои дохилии вилояти Хатлон, ки шаҳрванд «Б» дар утоқи кории онҳо ғайриқонунӣ нигоҳ дошта мешуд, маслиҳат карда, бо роҳи фиреб ва тамаъҷӯйӣ, барои аз ҷавобгарӣ озод карданаш аз модари ӯ маблағи 6000 доллари амрикоӣ талаб намуда гирифтааст.

Бо андешидани чораҳои фаврӣ аз тарафи кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 ноябри соли 2011 О.Авзалов дастгир шуд. Баъдтар муфаттиши калони шӯъбаи тафтишотии Раёсати корҳои дохилии вилояти Хатлон лейтенанти калони милитсия А.Б.Шарипов, ки пешбурди парвандаи ҷиноятии мазкурро ба ӯҳда дошт, бо мақсади ғаразноки гирифтани пора бо роҳи тамаъҷӯйӣ мунтазам тариқи телефон ба шаҳрванд «Б» занг зада, таҳдиди ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ба ҳабс кашидани онро мекунад.

Сарфи назар аз ин А.Б.Шарипов шаби 10 ба 11 ноябри соли 2011 аз шаҳри Қӯрғонтеппа ба шаҳри Душанбе омада, гумонбар шаҳрванд «Б»-ро ба назди тарабхонаи «Мерве»-и шаҳри Душанбе даъват намуда, барои аз ҷавобгарӣ озод намудан, бо роҳи таҳдид аз ӯ 8000 доллари амрикоиро ба сифати пора талаб карда, шарт мегузорад, ки агар то субҳи 11 ноябр маблағи номбурдаро оварда ба ӯ насупорад, нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуда, ба мӯҳлати 5 сол аз озодӣ маҳрум менамояд.

Баъди чунин таҳдид шаҳрванд «Б» ноилоҷ дар вақту соати таъингардида 7000 доллари амрикоиро бурда, ба А.Б.Шарипов медиҳад. Пас аз гирифтани маблағи мазкур А.Б.Шарипов аз тарафи кормандони Агентӣ дастгир шуд.

Оид ба ҳолати мазкур аз тарафи Раёсати тафтишотии Агентӣ нисбат ба сардори шӯъбаи фурӯши чиптаҳои ҳавопаймоии ҶДММ «Анӯшервониён»-и шаҳри Душанбе Оятулло Авзалов бо моддаи 247 қисми 4 ва нисбати муфаттиши калони шӯъбаи тафтишотии Раёсати корҳои дохилии вилояти Хатлон Амриддин Шарипов бо моддаи 319 қисми 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, пас аз тасдиқи фикри айбдоркунӣ барои баррасӣ ба суд ирсол карда шуд.

***

Прокурори шӯъбаи назорати тафтиши пешакии Прокуратураи вилояти Суғд Меҳроҷ Бобоумаров бо шаҳрванд «И», ки қаблан аз тарафи Суди шаҳри Хуҷанд барои даст доштан ба ҷиноят ба мӯҳлати 2 сол аз озодӣ маҳрум шуда буд, вохӯрда, зимни сӯҳбат аз шикояти кассатсионӣ навиштани ӯ ба Суди вилояти Суғд бохабар мегардад. Аз шаҳрванд «И» талаб менамояд, ки дар сурати додани маблағи 2500 доллари амрикоӣ метавонад ба воситаи кормандони суди мазкур шикоятро ба манфиати ӯ ҳал намояд. Тахминан нимаи моҳи ноябри соли 2011 М.Бобоумаров аз шаҳрванд «И» маблағи 2500 доллари талабнамудаашро гирифтааст. 14 декабри соли 2011 бо таъиноти Суди вилояти Суғд ҳукми Суди шаҳри Хуҷанд аз 5 октябри соли 2011 бетағйир, шикояти маҳкумшуда -шаҳрванд «И» беқаноат мононда шуд.

Меҳроҷ Бобоумаров барои иҷро накардани ваъдаи додааш баъди талаби шаҳрванд «И» 2500 доллари ИМА гирифтаашро ба ӯ бозпас гардонидааст. Тахминан баъди як моҳ М.Бобоумаров такроран шаҳрванд «И»-ро барои ҳалли ин масъала ба утоқи корӣ даъват намуда, аз ӯ боз 2000 доллар мегирад ва ин дафъа кори ӯро ҳал менамояд. М.Бобоумаров баъди гирифтани ин маблағ ба шаҳрванд «И» роҳу усули гурехта аз ҷумҳурӣ берун шуданро нишон дода, ваъда додааст, ки маблағи гирифтаро минбаъд ба манфиати кораш сарф хоҳад кард.

Худи ҳамон рӯз М.Бобоумаров аз тарафи кормандони Агентӣ дастгир ва аз ӯ маблағи 2000 доллари ба сифати пора гирифтааш ҳамчун далели шайъӣ ёфта гирифта мешавад. Нисбати Меҳроҷ Бобоумаров аз тарафи Раёсати тафтишотии Агентӣ бо моддаҳои 319 қисми 4, 36 қисми 4, 320 қисми 2 ва 345 қ.3 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парванда оғоз ва чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс татбиқ карда шуда, тафтишоти пешакӣ идома дорад.

*Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»*

**● Вакилони халқ 1938-2010**



# ДАЪВАТИ ПАНҶУМ 1959 - 1963

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**БОЙМАТОВ Шариф**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қарақчиқум №228, шаҳри Конибодом***

Соли 1916 дар деҳаи Кӯйи қозиёни ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои агрономи МТС, агрономи калони МТС-и Конибодом, сарагрономи МТС-и Қарақчиқум, сарагрономи Инспексияи хоҷагии деҳоти ноҳияи Конибодом кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат ва «Нишони Фахрӣ» мукофотонида шудааст.



**ӮРУНОВА Ҷононбибӣ**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Янгиобод №229, шаҳри Конибодом***

Соли 1915 дар деҳаи Маҳрами ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллима, мудири шӯъбаи боғчаи бачагона, сардори бригадаи кирмакпарварӣ, агротехники шӯъбаи пиллаи ноҳия ва сардори звенои кирмакпарварии колхози ба номи Шарифови ноҳияи Конибодом кор кардааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат ва медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**КАРИМОВ Тоҳир**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҳамробоев №230, шаҳри Конибодом***

Соли 1906 дар ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои раиси Кумитаи иҷроияи ноҳия, ҷонишини раиси комиҷроияи вилоят, ҷонишини сардори раёсати хоҷагии қишлоқи Кумитаи иҷроияи вилояти Ленинобод, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Ленинобод, Куйбишев, Кировобод ва Конибодом кор кардааст.

Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», Ҷанги Ватании дараҷаи 1 ва медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**БОҲИРОВ Шокир**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷавонон №231, шаҳри Конибодом***

Соли 1914 дар деҳаи Кӯйи қозиёни ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои агрономи қитъавӣ, муаллими мактаби ҳизбиву шӯравии Конибодом, агрономи калони МТС, директори МТС, раиси комиҷроияи ноҳияи Конибодом ва раиси колхози ба номи Ленини ноҳияи Конибодом кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», бо медалҳои «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.



**БОЙМАТОВА Эначон**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Конибодом №232, шаҳри Конибодом***

Соли 1923 дар деҳаи Пӯлотони ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1935 оғоз намуда, ҳамчун узви колхоз, сардори бригадаи колхоз ва раиси колхози «Москва»-и ноҳияи Конибодом кор кардааст.

Бо орденҳои Ленин ва медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ҚОСИМОВА Мунаввара**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Пӯлодов №233, шаҳри Конибодом***

Соли 1914 дар ноҳияи Конибодом таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик.

Дар вазифаҳои муаллима, мудири шӯъбаи Кумитаи ноҳиявии комсомол, суди халқии Конибодом, узви суди вилоятии Ленинобод, вазири саноати сабук, котиби Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, сардори Раёсати саноати хӯрокворӣ Шӯрои хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**ДОДХУДОЕВ НАЗАРШОҲ**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ёва №234, шаҳри Ленинобод***

Соли 1915 дар деҳаи Дерзуди ноҳияи Рӯшон таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Мудири шӯъбаи рӯзномаи вилоятии «Бадахшони Сурх», дар вазифаҳои роҳбарикунандаи комсомолӣ, дар мақомоти бехатарӣ ва корҳои дохилӣ, раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, аз соли 1950 то 1956 Раиси Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, раиси Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон буд.

Бо се ордени Ленин ва бо медали «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузургии Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.



**КУВШИНОВ Александр Федорович**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чорсӯ №235, шаҳри Ленинобод***

Соли 1913 дар вилояти Владимир таваллуд шудааст. Миллаташ рус.

Дар вазифаҳои коргар, зоотехники калони шӯъбаи комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Даштиҷум, ҷонишини раиси комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони вилояти Кӯлоб, ҷонишини раиси Комиҷроияи вилояти Ленинобод кор кардааст.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати диловарона дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 223/1-70 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 12 | 15. 02.2012 соати $9^{00}$ |
| 224/1-71 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 86 | 27.02.2012 соати $9^{00}$ |
| 225/1-72 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Таҷҳизоти тиббӣ | номгӯй | 10 | 27.02.2012 соати $9^{30}$ |
| 226/1-73 | Кохи «Истиқлол», Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 17 | 15.02.2012 соати $9^{30}$ |
| 227/1-74 | Раёсати Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва муҳофизати зидди ҳавоӣ | А. Садуллоев 227-66-60 | Равғанҳои молиданӣ | номгӯй | 16 | 15.02.2012 соати $10^{00}$ |
| 228/1-75 | Клиникаи Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 5 | 27.02.2012 соати $10^{00}$ |
| 229/1-76 | Клиникаи Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 9 | 15.02.2012 соати $10^{30}$ |
| 230/1-77 | Клиникаи Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 5 | 15.02.2012 соати $10^{50}$ |
| 231/1-78 | Клиникаи Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 8 | 15.02.2012 соати $11^{00}$ |
| 232/1-79 | Мактаб –интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи З.Шаҳидӣ | А. Садуллоев 227-66-60 | Маводи ғизоӣ | номгӯй | 25 | 15.02.2012 соати $11^{30}$ |
| 241/1-80 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Дафтарҳои хоҷагӣ (200 саҳифа)<br>Дафтарҳои хоҷагӣ (100 саҳифа)<br>Дафтарҳои хоҷагӣ (50 саҳифа) | адад<br>адад<br>адад | 23085<br>4757<br>2158 | 15.02.2012 соати $11^{45}$ |
| 242/1-81 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Доруворӣ | номгӯй | 147 | 27.02.2012 соати $10^{30}$ |
| 243/1-82 | Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 41 | 15.02.2012 соати $13^{10}$ |
| 244/1-83 | Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 23 | 15.02.2012 соати $13^{35}$ |
| 233/2-112 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №8, ш.Ваҳдат | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои хоҷагидорӣ ва конселярӣ | номгӯй | 41 | 15.02.2012 соати $9^{00}$ |
| 234/2-113 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №7, ш.Ваҳдат | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 24 | 15.02.2012 соати $9^{35}$ |
| 235/2-114 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №7, ш.Ваҳдат | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 30 | 15.02.2012 соати $9^{55}$ |
| 236/2-115 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Шоҳмансур | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Мехчагули туркӣ<br>Маргаритка<br>Вербиния<br>Тухми алаф (газон) | дона<br>дона<br>дона<br>килограмм | 20000<br>20000<br>5000<br>200 | 15.02.2012 соати $9^{55}$ |
| 237/2-116 | Шӯъбаи маорифи ш.Ваҳдат | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои конселярӣ<br>Маводи ғизоӣ<br>Қисмҳои эҳтиётӣ ва зермонаки барои телевизор | номгӯй<br>номгӯй<br>номгӯй | 24<br>24<br>13 | 15.02.2012 соати $10^{30}$ |
| 238/3-25 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии н.И.Сомонӣ | Х. Исмоилов 227-04-75 | Ороиши кӯчаҳо | тибқи санади нуқсонӣ | | 15.02.2012 соати $9^{00}$ |
| 239/3-26 | Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 27.02.2012 соати $9^{00}$ |
| 240/3-27 | Клиникаи Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири мебел ва таҷҳизоти техникӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 15.02.2012 соати $9^{30}$ |
| 245/1-84 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Ҷиҳози бистарӣ<br>Сачоқ<br>Пойтобаи тобистона | маҷмӯъ<br>адад<br>ҷуфт | 2000<br>15000<br>15000 | 27.02.2012 соати $11^{00}$ |
| 246/1-85 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Ярмаи ҷавӣ<br>Ярмаи нахӯд | тонна<br>тонна | 64<br>64 | 27.02.2012 соати $11^{30}$ |
| 247/1-86 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Биринҷи майда | маълумоти иловагӣ пешниҳод мешавад | | 15.02.2012 соати $14^{00}$ |
| 248/1-87 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумти Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 10 | 15.02.2012 соати $14^{30}$ |
| 249/1-88 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Сиккаҳои андозаашон гуногун<br>Мӯҳрҳои гуногун | адад<br>адад | 200<br>60 | 27.02.2012 соати $11^{45}$ |
| 250/1-89 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Хлеб (680 гр) | дона | 300000 | 27.02.2012 соати $13^{30}$ |
| 51/1-90 | Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ | А. Садуллоев 227-66-60 | Маводи ғизоӣ | номгӯй | 20 | 15.02.2012 соати $14^{45}$ |
| 252/1-91 | Пажӯҳишгоҳи илмии тадқиқотии ташхис ва барқарорсозии қобилияти кори маъюбон | А. Садуллоев 227-66-60 | Маводи ғизоӣ | номгӯй | 25 | 15.02.2012 соати $15^{00}$ |
| 253/1-92 | Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Таҷҳизоти тиббӣ | номгӯй | 7 | 15.02.2012 соати $15^{25}$ |
| 254/1-93 | Маркази тиббии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Кондитсионер 12<br>Кондитсионер 12<br>Кондитсионер 12 | дона<br>дона<br>дона | 2<br>5<br>5 | 15.02.2012 соати $15^{55}$ |
| 255/2-117 | Омӯзишгоҳи омӯзгории н.Ҳисор | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Мебел,компютер,мизу курсии талабагӣ | номгӯй | 7 | 15.02.2012 соати $10^{00}$ |
| 256/2-118 | Маркази саломатии шаҳрии №4, шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 220 | 15.02.2012 соати $10^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# ОБЩЕСТВО КРАСНОГО ПОЛУМЕСЯЦА ТАДЖИКИСТАНА

Общество Красного Полумесяца Таджикистана (ОКПТ), осуществляющее проект по обеспечению доступа населения Республики Таджикистан к питьевой воде, приглашает все заинтересованные компании и организации к участию в тендере на **поставку пластиковых и металлических труб,** по программе «Водная санитария», осуществляемое при финансовой поддержке Испанского Красного Креста (ИКК).

Для участия в тендере необходимо представить письмо-намерение об участии, копия документа/сертификата об официальной регистрации компании и копию справки с налогового органа о незадолженности.

***Данное требование является обязательным условием тендера.***

Для получения специального приглашения и детальной спецификации все заинтересованные компании и организации могут обратиться по адресу:

**г.Душанбе, ул. О.Хайяма 120, Отдел материально-технического обеспечения ИА ЦК ОКПТ.**

Тел: **224-03-74.**

ОКПТ оставляет за собой право принять все или часть предложения, самая низкая предложенная цена может быть не принята.

***Последний срок подачи предложений: 13 февраля 2012 года, до $10^{00}$ часов местного времени.***

# ЭЪЛОН

Ба диққати саҳмдорони ҶСК «Фурӯшгоҳи Марказӣ»

Рӯзи 28 марти соли 2012 соати $8^{00}$ дар толори универмаг маҷлиси навбатии умумии ҳисоботию интихоботии саҳмдорон гузаронида мешавад.

Иштироки саҳмдорон ҳатмист.

***Шӯрои назоратӣ***

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ «АТК хизматгузорӣ», дорои РЯМ 011000209 ва РМА 010083159, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Қиличов Талабшо Саидович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0205287 бо РЯМ 1230065458 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 11 ноябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Сайёд-Қ», дорои РЯМ 1810001188, РМА 180006217, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонотии №12/08-и гумшуда, ки онро Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон соли 2008 ба Фирузаи Исломзода додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи ронандагии дараҷаи Д, № 0017905-и гумшуда, ки онро КШ ТҶММ-и шаҳри Турсунзода 20 январи соли 1998 ба Раҳимов Исмоил Холиқович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи силсилаи ТШТА, № 0072819-и гумшуда, ки онро МТМУ № 101, шаҳри Турсунзода соли 2003 ба Иргашев Бахтиёр Абдураҳмонович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи меҳнатии №0030957-и гумшуда, ки онро Идораи сохтмонии «Тоҷикколхозсохтмон» соли 2010 ба сокини шаҳри Турсунзода, маҳаллаи 2, бинои 142, ҳуҷраи 46 Толибова Шаҳло Орифовна додааст, эътибор надорад.




Аҳли кормандони ҶСК «Пажӯҳишгоҳи илмӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯйии САНИ-ИОСП» аз вафоти сарконструктори пажӯҳишгоҳ

**ГИБАДУЛЛИНА МУНИРА АБУБАКИРОВНА**

андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва наздиконаш аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил хоҳонанд.

Кормандони КДТС «КИТОБ» ба Директори кулли Хонаи китоби Тоҷикистон Бадалов Мирзобадал Каримович нисбати даргузашти

**ПАДАРАШ**

ҳамдардӣ баён намуда, ба хешу табор ва наздикону пайвандони марҳум сабру таҳаммул хоҳонанд.

Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 6 феврали соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26715 нусха

Навбатдори шумора Н. Солеҳов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова